# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Абдуллоева Меҳринисо Менгуловна дар мавзуи «Роҳнамоии психологӣ-педагогии оилаи донишҷӯён дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 19.00.07 – Психологияи педагогӣ (илмҳои психологӣ)**

Диссертатсияи номзадии М.М. Абдуллоева дар мавзуи «Роҳнамоии психологӣ-педагогии оилаи донишҷӯён дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон» ба яке аз масъалаҳои мубрами психологияи педагогӣ, тақвияти раванди инсонгароии муносибатҳои оидавӣ ва рушди шахсияти донишҷӯён бахшида шудааст. Муаллифи дар заминаи таҳлилу таҳқиқ ва баррасии маводи зарурӣ, сарчашмаҳои илмии мухталифи фалсафӣ, психологӣ, педагогӣ ва таҷрибаи пешқадами психологии худ диссертатсияро таҳия намудааст.

Мубрам будани мавзуи диссертатсия. Унвонҷӯ Абдуллоева Меҳринисо Менгуловна мавзуеро мавриди таҳқиқ қарор додааст, ки ба бахши психологияи педагогӣ дар самти рушди муносибатҳои оилавӣ дар шароити мактабҳои олии касбӣ ва худамалисозиву худвоқеиятбахшии шахс дар муносибатҳои оилавӣ алоқамандӣ дошта, мубрам маҳсуб меёбад. Муҳиммияти мавзуи таҳқиқотиро рушди муносибатҳои байнишахсии оилавӣ дар робита бо раванди таҳсилоти олии касбӣ чун масъалаи мубрами психологию педагогӣ ифода менамояд, ки таҳқиқи он бо истифода аз раҳёфтҳои байнифаннӣ амалӣ гардида, ҳамгироии муносибатҳоро дар самти таҳсилот ва муносибатҳои иҷтимоӣ-оилавӣ дарбар мегирад. Дар ин ҷо масъалаҳои роҳнамоии психологӣ-педагогии оилаҳои ҷавони донишҷӯён дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, чӣ дар сатҳи назария ва чӣ дар амалия мавриди таваҷҷуҳи хоса қарор дода шудааст.

Ҳамин тариқ, тавре дар автореферат ишора шудааст, мубрам будани рисолаи мазкур дар таъсиси хизматрасонии психологӣ ҷиҳати дастгирии психологию педагогию иҷтимоӣ бо мақсади баланд бардоштани сифати таҳсилот, солим барпо намудани оила ва устувор нигоҳ доштани оилаҳои солим ба шумор меравад.

Навоварии илмии натиҷаҳои таҳқиқот дар нуктаҳои зерин ифода меёбанд: 1) мураттаб ва ҳалли масъалаи асосноккунии илмӣ, ташкил ва мазмуни дастгирии психологию педагогии оилаҳои донишҷӯён дар муҳити донишгоҳ мебошад, ки мутобиқи он хусусиятҳои иҷтимоию иқтисодӣ, демографӣ, иҷтимоию психологӣ ва мушкилоти оилаи донишҷӯён муайян ва омӯзонида мешаванд; 2) таҳияи модели ташкилии дастгирии психологию

педагогии оилаҳои донишҷӯён дар муассисаҳои олӣ, аз ҷумла муассисаҳои расмии идоракунӣ, худидоракунӣ, муассисаҳои ёрирасон ва муайян намудани шартҳои татбиқи он; 3) муайян намудани шаклу самтҳои самарабахши ёрии психологию педагогии оилаҳои донишҷӯён, аз ҷумла кори маҳфили оилавӣ, ки ба ташхис, машварат, тарбияи оилаҳои донишҷӯён ва ғайра нигаронида шудааст; 4) корҳои санҷишиву озмоишӣ гузаронида шуда, аз онҳо натиҷагирӣ карда шудааст.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ бо он собит мешаванд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии олимони ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои тахқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод гардида, дар онҳо дурнамои мавзуи таҳқиқӣ муайян шудааст.

Аҳаммияти назарияи диссертатсия дар он зоҳир мешавад, ки масъалаи роҳнамоии психологӣ-педагогии оилаҳои ҷавони донишҷӯён дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар илмҳои психологиву педагогӣ муайян ва асоснок гардида, ҷараёнҳои рушди муносибатҳои оилавӣ мавриди тафсири дақиқ қарор дода шуданд. Ҳамчунон дар ҷараёни баррасӣ унвонҷӯ кӯшиш кардааст, ки натиҷаҳои таҳқиқотро дар доираи талаботи назариявию методологӣ муайян ва асоснок намояд.

Аҳаммияти амалии тадқиқот дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои дар рафти тадқиқот бадастовардашуда, хулосаю тавсияҳои рисолаи илмӣ ҳангоми коркарди барномаҳо барои психологҳои соҳаи муносибатҳои оилавӣ, психолдогияи таҳсилот ва маслиҳатдории психологӣ, дар раванди таълим, дар ҳалли масъалаҳои ташкилу роҳнамоии психологӣ-педагогии оилаҳои ҷавони донишҷӯён дар шароити муосир истифода бурда мешавад.

Диссертатсияи номзадии М.М. Абдуллоева дар мавзуи «Роҳнамоии психологӣ-педагогии оилаи донишҷӯён дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон» аз муқаддима, ду боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат буда, вобаста ба фарогирии мавзуъ дар навбати худ ҳар боб ба фаслҳо ҷудо карда шудааст. Дар ҳар кадоме аз бахшҳои диссертатсия шеваи хуби таҳқиқ, саҳеҳ нишон додани маъхазҳо, муҳокимаю баҳси пурсуди илмӣ ва натиҷагириҳои ҷолиби диққат ба назар мерасанд.

Мутобиқати барасмиятдарории автореферати диссертатсияи номзадии М.М. Абдуллоева дар мавзуи «Роҳнамоии психологӣ-педагогии оилаи донишҷӯён дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон»

тибқи талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо ҚҲҶТ аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 бо тағйиру иловаҳо аз 26-июни соли 2023, № 295 тасдиқ гардидааст, таҳия ва ба тартиб дароварда шудааст, ба аслияти худ пурра мувофиқат мекунад ва он хулосаҳое, ки бо забонҳои тоҷикиву русӣ ва англисӣ оварда шудаанд, ба таври мухтасар бозгӯи диссертатсия мебошанд.

Хулоса, он мақсад, вазифаҳо ва нуктаҳои асосие, ки барои дифоъ пешниҳод мегарданд, дар автореферати диссертатсия ба таври пурра, батафсил инъикос ёфта, кори диссертатсионӣ ба анҷомрасида ба ҳисоб меравад.

**Эродҳо ба автореферати диссертатсия.** Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиби таваҷҷуҳ, ки дар автореферат оварда шудаанд, дар матни он баъзе норасоиҳо ба мушоҳида расиданд, ки бо нияти пешрафти корҳои таҳқиқии минбаъдаи муаллиф, зикри онҳоро зарур меҳисобем:

1. Дар саҳифаҳои 4 ва такрори баёни дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ ба назар мерасад.
2. Хуб мебуд, ки матни диссертатсия вобаста ба ҳаҷми масъалаҳои ҳалшаванда дар се боб ҷой дода мешуд (яъне кор аз се боб иборат мебуд).
3. Дар тарҷумаи автореферат маъзе ноҷуриҳо ба назар мерасад, хуб мебуд, ки вобаста ба қоидаи фаъолияти тарҷумонӣ матн таҳрир мешуд.
4. Дар таҳияи автореферати мавриди такриз баъзе ғалатҳои имлоӣ, техникӣ ва услубӣ роҳ ёфтаанд, киислоҳи онҳо ба фоидаи кор хоҳад буд

Ҳамин тариқ, эродҳои ишорашуда ба паст шудани арзиши диссертатсия боис намешавад, кор бо услуби илмӣ таҳия гардида, пайдарпайии қисматҳои он риоя гардидаанд. Автореферат ва мақолаҳое, ки довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда нашр намудааст, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифта, кори анҷомёфтаи диссертатсионӣ ба ҳисоб меравад.

Мавзуи интихобнамудаи унвонҷӯ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқи шиносномаи ихтисоси илмии 19.00.07 – Психологияи педагогӣ (илмҳои психологӣ) комилан мувофиқат менамояд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, диссертатсияи номзадии Абдуллоева Меҳринисо Менгуловна дар мавзуи «Роҳнамоии психологӣ-педагогии оилаи донишҷӯён дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи

илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 19.00.07 – Психологияи педагогӣ (илмҳои психологӣ) ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи номзадии илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 19.00.07 – Психологияи педагогӣ (илмҳои психологӣ) сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
Мудири шуъбаи инноватсия ва
психологияи таҳсилоти Академияи
таҳсилоти Тоҷикистон,
номзади илмҳои психологӣ Н.Ф. Абдурашитов

**Суроға:** 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов 11/2;
E-mail: a_naimjon_f@mail.ru
Тел.: +992 (918) 50-21-45

Дурустии имзои Н. Абдурашитовро
«тасдиқ менамоям»
Сардори шуъбаи кадрҳои АТТ М. Саидова

13.07.2025